ТДУ 8Т1
DOI:10.51844-2077-4990-2023-1-203-211

# СОХТОР ВА МӮҲТАВОИ МАСНАВИҲОИ ИБНИ ЯМИНИ ФАРЮМАДӢ

**Тоҷибоев Шарифҷон Ғайбуллоевич,** *н.и.ф., дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# СТРУКТУРА И СОДЕРЖАНИЕ МЕСНЕВИ ИБН ЯМИНА ФАРЬЮМАДИ

**Таджибоев Шарифджон Гайбуллоевич,** *к.ф. н., доцент кафедры таджикской классической литературы ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова"(Таджикистан, Худжанд)*

# STRUCTURE AND CONTENTS OF IBN YAMIN FARYUMADI'S MASNAVIS

**Tojiboev Sharifjon Gaibulloevich,** *candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of Tajik classic literature under the SEI "KhSU named after acad.B.Gafurov"(Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *tsharif@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ****: маснавӣ, Ибни Ямин, "Корнома", "Маҷлисафрӯз", ирфон, ишқ, сохтор, мундариҷа*

*Мақола ба баррасии сохтор ва мундариҷаи маснавиҳои Ибни Ямини Фарюмадӣ ихтисос ёфтааст. Таъкид гардидааст, ки Ибни Ямин дар баробари қитъасароӣ дар маснавӣ низ дасти тавоно доштааст. Маснавиҳои Ибни Ямин аз нигоҳи ҳаҷм ба гурӯҳи маснавиҳои хеле кӯтоҳи адабиёти форсу тоҷик дохил шуда, аз 3 то 293 байтро фаро мегиранд. Онҳо аз назари мавзӯву мундариҷа ва вазн низ гуногун буда, асосан дар мавзӯоти ирфонӣ, ишқи илоҳӣ("Маҷлисафрӯз"), панду андарз суруда шудаанд. Навпардозии Ибни Ямин дар маснависароӣ бештар дар "Корнома" –и ӯ зоҳир мешавад, ки он ҳам аз нигоҳи сохтор, муҳтаво ва нақли ғазал дар таркиби маснавӣ қобили таваҷҷӯҳ аст. Баъзе аз маснавиҳои шоир(«Чаҳор панди Анӯшервон», «Анӯшервон ва мӯбадон»), дар пайравии "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ навишта шудаанд. Маснавиҳои Ибни Ямин монанди дигар ашъори ӯ равон ва орӣ аз такаллуфу фазлфурӯшӣ буда, ба сабки хуросонӣ наздик буда, дар густариши ҷараёни умумии маснависароии форсу тоҷик дар асри XIV таъсир гузоштаанд.*

***Ключевые слова:*** *месневи, Ибн Ямин, «Корнаме», «Маджлисафруз», мистицизм, любовь, структура, содержание*

*Статья посвящена рассмотрению структуры и содержания месневи Ибн Ямина Фарьюмади. Подчеркивается, что Ибн Ямин, будучи мастером жанра кытъа в персидско-таджикской литературе, также умело писал стихи в жанре месневи. Указывается, что месневи Ибн Ямина по объему относятся к группе очень коротких поэм персидско-таджикской литературы и охватывают от 3 до 293 бейтов. Поэмы Ибн Ямина, характеризующиеся в основном мистической, любовно-мистической(«Маджлисафруз») и дидактической тематикой, различаются по своей теме, содержанию и стихотворной метрике. Упоминается, что новаторство Ибн Ямина в персидско-таджикском поэмосложении наиболее очевидно в его «Корнаме», которое примечательно своей структурой, содержанием и введением газели в состав месневи. Подчёркивается, что некоторые месневи поэта («Чаҳор панди Анушерван», «Анушерван ва мобадан») написаны вслед за «Шахнаме» Фирдоуси. Поэмы Ибн Ямина, как и другие его поэтические произведения, незамысловаты по стилю и далеки от вычурности, более близки к хорасанскому стилю. В заключение отмечается, что месневи Ибн Ямина оказали достойное влияние на развитие персидско-таджикского поэмосложения в XIV в.*

***Key words:*** *masnevi, Ibn Yamin, «Kornoma", "Majlisafruz", mysticism, love, structure, content*

*The article is devoted to the review of the structure and content of Ibn Yamin Faryumadi's masnavis. It is emphasized that Ibn Yamin, being a master of the genre of qi'ta in Persian and Tajik literature, also skillfully wrote poems in the masnavi genre. Ibn Yamin's masnavis belong to the group of very short masnavis of Persian-Tajik literature in terms of volume, and cover from 3 to 293 baits. They are different in terms of theme, content and poetic metrics, and they are mainly written on mystical themes, divine love ("Majlisafruz"), and admonitions. Ibn Yamin's innovation in Persian-Tajik poetry is most evident in his "Kornama", which is notable in terms of its structure, content, and narration of the ghazal in the composition of masnavi. Some of the poet's masnavis ("Chahor pandi Anushervan", "Anushervan va mobadan") were written following Firdawsi's "Shahnama". Ibn Yamin's masnavis, like his other poems,*

*are fluent and free of exaggeration. They are close to the Khurasan style, and they influenced the development of the general flow of Persian-Tajik masnavis in the XIV century.*

Амир Фахруддин Маҳмуд ибни Яминуддини Фарюмадӣ мутахаллис ба Ибни Ямин, ки аз суханварони маъруфи адабиёти нимаи аввали асри XIV ба шумор меравад, дар таърихи адабиёти форсу тоҷик бештар ҳамчун устоди жанри қитъа эътироф шудааст. Омӯзиши девони ашъори Ибни Ямин нишон медиҳад, ки вай илова бар ин ки дар жанри қитъа устоди тавоно ба шумор меравад, дар маснавипардозӣ низ дасти қавӣ доштааст. Ӯ дар яке аз қитъаҳояш, ки ба тариқи мактуб ба Хоҷа Алоуддин равона гардидааст, дар канори дигар анвои шеърии девонаш, мисли қасидаву ғазал, бар тавоноиву маҳорати хеш дар маснависароӣ таъкид менамояд:

***Назме чу об з-оташи табъам равон шуда,***
***Хоҳӣ қасида, хоҳ ғазал, хоҳ маснавӣ**[6, с.523].*

Аммо то кунун адабпажӯҳон чӣ дар мутолиоти адабии дохилӣ ва чӣ хориҷӣ бештар ба баррасии аҳволу осор ва мавзӯю мундариҷаи қитъаҳои Ибни Ямин машғул гардида, мавқеи шоирро дар рушди дигар анвои адабии шеъри форсӣ-тоҷикӣ мисли қасида, ғазал, маснавӣ ва ғайра ба таҳқиқ нагирифтаанд. Ҳол он ки устод Саид Нафисӣ дар муқаддимаи девони қитъаот ва рубоиёти Ибни Ямин таъкид менамояд, ки теъдоди абёти девон 15 000 адад буда, сеяки аввалро қасида, сеяки сониро ғазал ва сеяки боқимондаро ашъори дигар, ба мисли қитъа, маснавӣ ва рубоӣ ташкил медиҳанд[2,с.5].

Маснавиҳо агарчӣ дар девони шоир мавқеи намоён надоранд ва аз лиҳози андозаву фарогирии шумораи абёт зиёд нестанд, вале дар таҳаввули анъанаи маснависароӣ дар адабиёти форсу тоҷики асри XIV ҷойгоҳи хосеро ба худ ихтисос додаанд. Омӯзиши маснавиҳои Ибни Ямин нишон дод, ки шоир ҳарчанд дар бештари маврид, тибқи суннатҳои роиҷи маснависароӣ эҷод намояд, дар бархе аз ашъори дугонаи хеш ба навъе суннатшиканӣ зоҳир намудааст. Аз ин хотир дар ин навишта бар он сайъ шуд, ки оид ба сохтор, муҳтаво ва арзиши маснавиҳои Ибни Ямин мулоҳизаву ҷустуҷӯҳои хешро иброз намоем.

Дар мавриди маснавиҳои Ибни Ямин дар адабиётшиносӣ пажӯҳиши алоҳидае анҷом наёфтааст. Дар ин замина дар китобҳои таърихи адабиёт ва донишномаҳо баъзе қайду ишораҳо ба мушоҳида мерасанд. Чунончӣ, З.Сафо дар бораи танҳо ду маснавии Ибни Ямин – “Маҷлисафрӯз” ва маснавии бидуни номи дар вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф навиштаи вай хабар медиҳад[5, с.957]. Дар “Доиратулмаъорифи бузурги исломӣ” аз ҳамин ду маснавӣ ёд шудааст[8]. Дар донишномаи маҷозии “Википедия” бар иловаи ин ду маснавӣ аз ду маснавии дигари Ибни Ямин – “Чаҳор панди Анӯшервон” ва “Анӯшервон ва мӯбадон” чанд нукоте ироа шудааст[8].

Дар осори пажӯҳишии алоҳидае, ки бештар ба таҳқиқи шарҳи ҳолу осори Ибни Ямин ихтисос доранд, аз вижагиҳои сохториву мавзӯии маснавиҳои шоир ҳарфе гуфта нашудааст. Танҳо оид ба миқдор ва камияти абёти маснавиҳои Ибни Ямин дар пажӯҳишҳои С.Имронов, А.Р.Ҳикмат баҳсҳои парокандае ба миён омадаанд. Аз ҷумла, С.Имронов, ки 17 нусхаи дастнависи девони ашъори шоирро тавсиф ва миқдори анвои шеърии онҳоро мушаххас намудааст, бар он назар аст, ки миқдори маснавиҳо дар нусхаҳои қаламӣ мутафовит аст ва аз 12[3, с.112] то 13 адад мебошад[3, с.119, 169]. Дар девони ашъори Ибни Ямин[6], ки онро Ҳусайналии Бостонирод таҳия ва тасҳеҳ намудааст, 12 маснавии шоир мавҷуд аст. Ин ноҳамгунӣ бар он далел он аст, ки бархе аз маснавиҳои шоир дар нусхаҳои қаламии гуногун бо ду ном зикр шудаанд, ки онҳо маснавиҳои ҷудогона маҳсуб мешаванд. Чунончӣ тибқи иттилои С.Имронов дар баъзе аз нусхаҳои қаламии ашъори шоир ба Ибни Ямин маснавиҳое аз қабили “Ҳафт маҷлис”(328 байт) [3, с.136, 137, 140, 142] ва як маснавии беном(82 байт), ки бо байти зерин сар мешавад нисбат медиҳанд:

***Гӯш кун як дам, эй хирад сӯям,***
***Ҳарф чанде зи ишқ мегӯям**[3, с.142]*

Бояд гуфт ки “Ҳафт маҷлис” номи дигари маснавии “Маҷлисафрӯз” [3, с.136] аст . Миқдори абёти ҳамон маснавии беном , ки С.Имронов[3, с.142] бар он ишора мекунад, дар нусхаи қаламии дигар 126 байт[3, с.138]нишон дода шудааст.Зимнан мисраъҳои болоӣ аз байти нуҳуми маснавии “Маҷлисафрӯз” аст, ки дар девони ашъори Ибни Ямин ба ин сурат омадааст:

***Гӯш кун, эй хирад даме сӯям,***
***Чанд ҳарфе зи ишқ мегӯям**[6, с.601].*

Аз ин ҷо метавон натиҷа гирифт, ки маснавии беунвоне, ки С.Имронов дар нусхаҳои хаттӣ мушоҳида намудааст, мунтахабе аз "Маҷлисафрӯз" аст, ки онҳо чун маснавиҳои ҷудогона шинохта шудаанд.

Дар мавриди теъдоди абёти маснавиҳои Ибни Ямин, ки дар нусхаҳои қаламии девони ашъори шоир омадааст, ихтилоф вуҷуд дорад. ки болотар ба ҷузъе аз он ишора кардем ва дар идома боз ба шарҳи он хоҳем пардохт.

С.Имронов бар асоси 17 дастнависи девони ашъори Ибни Ямин маҷмӯи абёти маснавиҳои шоирро 522 [3, с.119, 169] ҳисоб намудааст. А.Р.Ҳикмат адади абёти маснавиҳои шоирро якҷоя бо тарҷеъбанду муаммо, моддаи таърих ва чистон ҳазор байт донистааст[7,с.56]. Ин шохис дар девони ашъори шоири Ибни Ямин, ки Ҳусайналии Бостонирод таҳия ва тасҳеҳ намудааст, баробар ба 821 байт аст.

Бадин тартиб аз баҳсҳои болоӣ маълум шуд, ки имрӯз дар девони ашъори Ибни Ямин 12 маснавиҳои хурд бо 821 байт мавҷуд аст, ки дар идома ҳар кадом аз назари вижагиҳои сохториву муҳтавоӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд.

"Корнома"аз нигоҳи ҳаҷм калонтарин маснавии Ибни Ямин ба ҳисоб меравад. Чунон ки аз номаш маълум аст, бо шеваи манзумаҳои корнома суруда шудааст, ки Аҳмади Доронӣ онҳоро ҳамчун навъи ҷудогонаи адабӣ мешуморад. Муҳаққиқи мазкур дар таърифи манзумаҳои корнома менависад, ки ин навъи адабӣ дар қолаби маснавӣ навишта шуда, дар он шоир бо забони ҳазломезу таъбироти ҳаҷволуд ба айбҷӯӣ, ришханду тамасхури дарбориён, девониёну атрофиёни подшоҳ машғул гардида, бо онҳо ба мутоиба мепардозад[1,с.7]. Дар ин таъриф се хусусияти ин навъи адабӣ, яъне дар шакли маснавӣ эҷод шудан, забони мутоибаомез ва ҳаҷволуд доштан ва дар тавсифи дарбориёну атрофиёни шоҳ пардохтан, нишон дода шудааст. Пажӯҳишгари номбурда аз мавҷудияти даҳ манзумаи корнома дар адабиёти форсӣ хабар додааст[1, с. 8-10] ки, дар ҳамаи онҳо вижагиҳои дар боло зикршуда аксар вақт риоя шудаанд.Аммо аз баррасии "Корнома"-и Ибни Ямин маълум мешавад, ки на ҳама вақт дар корномаҳо лаҳни ҳаҷв ва мутоиба риоя мешавад ва мухотаби шоир ҳам танҳо ҳоким ва аҳли дарбор буда наметавонад. Маснавиҳои корномаҳо бо муроҷиат ба боди сабо ва васфи табиат шурӯъ гардида[1,с.25], аксар мавридҳо дар баҳри хафиф суруда мешаванд.Қобили зикр аст, ки мафҳуми корнома ҳанӯз дар унвони осори адабиёти қадими форсу тоҷик ба чашм мерасад, ки намунаи он "Корномаи Ардашери Бобакон" ва "Корномаи Анӯшервон" аст, ки дар шакли мансур дар васфи зиндагиномаву диловарӣ ва панду андарзу васиятҳои ашхоси сиёсӣ гуфта шудаанд. Аз ин рӯ, ин осор ба ҳеч ваҷҳ ба ин навъи адабӣ робита надоранд.

"Корнома"-и Ибни Ямин аз ҷумлаи корномаҳои камшуморест, ки лаҳни танзу мутоиба дар онҳо дида намешавад. Илова бар ин, чуноне ки болотар ишора рафт корномаҳо ғолибан дар баҳри хафиф навишта мешаванд, аммо ин маснавӣ дар вазни дубайтӣ ва маснавиҳои ошиқона-ҳазаҷи мусаммани маҳзуф нигошта шудааст. Шояд Ибни Ямин дар поёни "Корнома"-и хеш ба ҳамин маънӣ ишора кардааст, ки:

***Бад-ин сон "Корнома" кас нагуфтаст,***
***Дурри ин баҳр чун ман кас насуфтаст****[6,с.588].*

Соли таълифи маснавии "Корнома"-и Ибни Ямин, ҳамон тавр ки дар поёни асар таъкид шуда, 741ҳ/1341м. будааст:

***Зи ҳиҷрат ҳафтсад буду чилу як***
***Ки андар рӯзгори нек андак.***
***Ман ин нома расонидам ба охир***
***Ба тавфиқи Худои фарди қодир*** *[6,с.588].*

Аз байтҳои нахустини "Корнома" аён мешавад ки шоир дар ҷавоби номае асари худро иншо кардааст:

***Насими субҳ ҷонам тоза кардӣ***
***Расидӣ лутфи беандоза кардӣ.***
***Расонидӣ паём аз дилситонам***
***Аз он дарди дилу дармони ҷонам****[6, с.576].*

Аз ҳамин нуқтаи назар"Корнома"-и Ибни Ямин аз камшумортарин корномаҳоест, ки шоир ташаббускори ирсоли нома набудааст.

Дар аввали маснавӣ Ибни Ямин аз дурии худ аз зодгоҳаш-Фарюмад шиква мекунад ва васфе аз шаҳри Фарюмад анҷом медиҳад:

***Зи баҳри хотираш бардор гоме***

***Ба Фарюмад расон аз ман паёме...***
***Ба ҳар сӯ ҷӯйборе ҳамчу Кавсар***
***Дарахташро чу Тӯбо бар фалак сар.***
***Нишотафзо ҳавову об дар вай***
***Чу бӯи майгусору соғари май***
***Баҳораш роғҳо пурлолаву гул***
***Хазонаш боғҳо пурмевaву мул.***
***Насимаш дар хушӣ чун бӯи дилбар***
***Чу анфоси Масеҳо рӯҳпарвар***
***Саросар кӯҳи ӯ пуркабку теҳу***
***Тамомат дашти ӯ пургӯру оҳу***
***Чу пой андар фазои вай ниҳодӣ.***
***Ба сад шодӣ, ки доим шод бодӣ...*** *[6, с.576].*

Ин тасвиру тавсифҳо нишон медиҳанд, ки Фарюмад аз ободтарин ҷойҳои Хуросон дар қарни XIV будааст. Маълумоти Ибни Ямин дар бораи Фарюмад аҳамияти таърихӣ дошта, барои равшан намудани ҷуғрофиёи таърихии Хуросони замони шоир бисёр муҳим аст.

Пас аз он аз боди шабгир мехоҳад, ки арзи бандагии шоирро ба Алоуддин Муҳаммади соҳибдевону бузургону азизони дигар, ки дар маҷмӯъ номи 72 нафар аз онҳо зикр шудааст, бирасонад. Шоёни зикр аст, ки мухотабони Ибни Ямин танҳо дарбориён набуда, балки шоир қишрҳои мухталифи мардум, аз ҷумла бузургони шаҳру табақаи мутавасситро низ мухотаби хеш қарор дода, иродати худро ба онҳо иброз доштааст. Ин гувоҳ бар он аст, ки шоир дар “Корнома” мухотаби хосеро дар зеҳн надошта, ҳадафаш расонидани салому паём ба мухотабони мухталиф, воқеъан ба мардуми Фарюмад аст.

Баъд аз ин ҳама, вақте Ибни Ямин мехоҳад ба модари худ тавассути бод паёму салом бирасонад, бо муҳаббат аз ӯ ёд мекунад ва мехоҳад ба байтаке чанд арзи дил кунад:

***Пас он гаҳ, эй сабо, ин байтаке чанд***
***Бихон дар пеши он пири хирадманд****[6, с.587]*

Ин ҷо дигар аз шиддати эҳсосу андӯҳи фаровони фироқ қолаби маснавиро барои баёни ҳолати руҳии хеш созгору кофӣ намедонад ва ғазалеро дар таркиби маснавӣ ғунҷонида, ба модар аз ҷаври фалак шиква месозад ва рӯзгорро мазаммат менамояд:

***Фалак бо мо сари ёрӣ надорад***
***Ба ҷуз майли дилозорӣ надорад.***
***Зи паҳлӯи ман ин гардуни бемеҳр,***
***Ҷуз оҳанги ҷигархорӣ надорад.***
***Чӣ бедор аст, ё Раб, чархи гардон,***
***Ки коре ҷуз ситамкорӣ надорад.***
***Дилам аз вай чу зулфу чашми хубон***
***Ба ҷуз ташвишу беморӣ надорад.***
***Бувад дар назм корам бас гаронҷон***
***Агарчӣ ҷуз сабуксорӣ надорад,***
***Аз он чун абр гирёнтар, ки чун раъд***
***Дилам ҷуз нолаву зорӣ надорад.***
***Гаронҷонии бахтам бин, ки аз вай***
***Хирад умеди бедорӣ надорад.***
***Дило, охир зи гардун чанд пурсӣ***
***Ки бар дардам даводорӣ надорад.***
***Фалакро ҳеҷ агар озарм бошад,***
***Азизонро бад-ин хорӣ надорад.***
***Зи ҳаҷри дӯстон Ибни Яминро***
***Ба душманкомиву зорӣ надорад****[6, с.587].*

Ибни Ямин монанди бисёр аз аҳли илму адаби он рӯзгор аз сахтиҳои зиндагӣ гила менамояд. Ғазали мазкур баёнгари ҳолати руҳии шоир буда, ба пайванди мутақобила ва ваҳдати маънои абёти дигари маснавӣ латмае ворид накардааст. Баръакс барои ифодаи ҳолати нооромии дарунӣ ва эҳсосоти амиқи иҷтимоиву маънавии шоир кӯмак намудааст, зеро ғазал барои баёни ин эҳсосот бештар муносиб аст. Зикри ин нукта ҷоиз аст, ки ин ғазалмаснавӣ дар бахши ғазалиёти

девони ашъори Ибни Ямин дида намешавад. Аз ин ҷо метавон натиҷа гирифт, ки ин ғазал дақиқан барои ҳамин маснавӣ эҷод шудааст.

Баъд аз овардани ин ғазали шиквоия аз бод хоҳиш мекунад, ки паёмашро ба фарзандонаш бирасонад:

***Ва з-он ҷо сӯи атфолам гузар кун***
***Азизонро зи ҳоли ман хабар кун.***
***Муҳаммадро бипурс аз ман фаровон***
***Ҳасанро ҳам ба бар даргир чун ҷон.***
***Бигӯ бо ҳар ду нури дидаи ман,***
***Ки ҳастанд аз азизӣ руҳ дар тан*** *[6, с.588].*

Аз ин қисмати маснавӣ маълум мешавад, ки Ибни Ямин соҳиби ду фарзанде бо номҳои Муҳаммад ва Ҳасан будааст. Ин иттилоъ илова бар аҳамияти таърихӣ, то ҳадде арзиши иҷтимоиву шарҳиҳолии маснавиро таъмин менамояд.

Пас аз он аз бод мехоҳад, ки ҳар хурду бузурги Фарюмадро, ки дучор мешавад дуруди ӯро бирасонад ва аз эшон бихоҳад, ки барояш дуое бикунанд, то дубора ба Хуросон баргардад.

“Корнома” бо зикри таърихи итмоми маснавӣ ва дуо ба итмом мерасад.

Дигар аз маснавиҳои аз нигоҳи ҳаҷм нисбатан бузурги Ибни Ямин “Маҷлисафрӯз”аст. Ин асар маснавии ирфонии кӯтоҳест муштамил бар 242 байт. Тибқи иттилои С.Имронов дар баъзе аз нусхаҳои қаламии ашъори Ибни Ямин миқдори абёти "Маҷлисафрӯз" гуногун -163[3,с.135], 240[3,с.136], 311[3,с.133], 317[3,с.136], 335 байт[3,с.142], 374[3,с.127], 382[3,с.130]будааст.

Манзума шомили масъалаҳои назарии ирфон, аз қабили сифоту ҳолоти ишқи ирфонӣ ва расидан ба мақоми васл, аст. Сохтори маснавӣ бисёр сода аст. Он бо таҳмид оғоз мешавад, ки ҳафт байти оғозини манзумаро фаро мегирад. Баъд аз адои ҳамд шоир ба хирад муроҷиат намуда, дар бораи ишқ, рамзу рози он, ҳолати ошиқ ва расидан ба ваҳдату фано сухан ба миён овардааст. Яке аз вижагиҳои ин бахши маснавӣ тавсифу шарҳи пайвастаи мафҳуми ишқ аст. Дар ин асар вожаи ишқ 84 бор истифода шудааст. Ин дар ҳолест, ки басомади ин калима дар тамоми маснавиёти шоир ба 86 баробар аст, яъне беш аз 97 дарсади фаровонии истифода аз ин вожаро метавон дар ин маснавӣ мушоҳида кард. Дар аксар маврид вожаи ишқ дар оғози мисраъ ё байт қарор дорад. Тибқи омори мо ин мафҳум 55 бор дар аркони садру ибтидои байт омадааст, ки ин беш аз 64 дарсад аз кулли теъдоди истифодаи ин калима дар маснавиро ташкил медиҳад. Нуктаи дигар дар робита ба истеъмоли мукаррари калимаи ишқ ин аст, ки ҳар дафъа бо истифодаи ин вожа, он чун як субъект(соҳиби ҳаракат ё анҷомдиҳандаи кор)-е ҷилвагар мешавад, ки аз тариқи он иқтидору тавоноии ишқ баён мегардад.Чунончӣ:

***Ишқ дар фарш мекашад касро,***
***Ишқ дар арш мекашад касро.***
***Ишқ дар дил сурурҳо бахшад***
***Ишқ дар дида нурҳо бахшад.***
***Ишқ бо ёр муттаҳид созад***
***Ишқ аз ғайр мунфарид созад.***
***Ишқ дар шур мекунад касро***
***Ишқ машҳур мекунад касро.***
***Ишқ дидори ёр бинмояд***
***Ишқ гулро зӣ хор бинмояд.***
***Ишқ бошад ҳаёти ҷовидон***
***Ишқ бошад хулосаи дилу ҷон.***
***Ишқ ифшои сирри ёр кунад***
***Ишқ Мансурро ба дор кунад.***
***Ишқ бехонумон кунад касро***
***Ишқ з- оворагон кунад касро.***
***Ишқ мастияст, ҷоми бода куҷост?***
***Ошиқи дилзидастдода куҷост?***
***Ишқ моро барад ба майхона***
***Ишқ моро кунад чу девона.***
***Ишқ моро ба кӯи ёр барад***
***Ишқ моро ба сӯи дор барад****[6,с.602-603].*

Аз нигоҳи мӯҳтаво ва баёну шарҳи ишқи ирфонӣ дар сухани Ибни Ямин ибтикору тозагие ба мушоҳида намерасад. Ишқи ирфоние, ки Ибни Ямин дар ин манзума тасвир намудааст, ба ишқи ирфонии шоирони маъруфи асри XIII Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ ва Фахруддини Ироқӣ хеле монанд аст[12]. Ибни Ямин бо сурудани ин маснавӣ кӯшидааст, ки бо такя ба афкори назарии пешиниён мавзӯъҳои маъмули ирфони назарии асри худро роҷеъ ба моҳияти ишқ баён созад. Ба ибораи дигар, чунон ки Ибни Ямин худ мефармояд, роҳи паймудаи ишқро дубора меҷӯяд ва моҳияти ишқро бозгӯ менамояд:

***Боз Ибни Ямин чӣ меҷӯйӣ,***
***Роҳи паймудаи ишқ мепӯйӣ****[6, с.601].*

Аз ин рӯ, Ибни Ямин дар ин замина консепсияи нав ё шарҳу тавзеҳи ҷадиди бадеии хосеро ироа накарда, ҳатто талоше барои баёни батафсили мавзӯъ анҷом надода, бештар дар инҳисори орову афкори пешиниён боқӣ мондааст. Бад-ин ваҷҳ “Маҷлисафрӯз” аз назари арзиши ирфонӣ манзумаи мутавассит маҳсуб меёбад.

Дигар маснавии ирфонии ӯ, ки бе унвон ва нисбат ба ин маснавӣ камҳаҷм буда, дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси мақсур ба силки назм омада, дар баёни шароити талаб ва фанои толиб дар матлуб аст.Мӯҳтавои ин маснавиро ба эътибор гирифта метавон онро “Дар васфи талаб ва фанои толиб дар матлуб” номид. Маснавӣ фарогири 62 байт буда, он бо васфи талаб ва аҳамияти он сар мешавад. Дар ин манзума низ ҳамон вижагии такрори истилоҳи қобили тавзеҳ(талаб), ки дар маснавии "Маҷлисафруз" мушоҳида намуда будем, дар оғози ин манзума ба чашм мехӯрад. Албатта, ин такрор на ба он андозаест, ки дар маснавии "Маҷлисафрӯз" дидем.

Ибни Ямин дар хилоли ин маснавӣ чанде аз ҳадисҳои маъруфро, ки дар миёни аҳли тасаввуф машҳур буданд, ба кор бурда, онҳоро шарҳу тафсил додааст.

Ибни Ямин чунон ки гуфта шуд бо қитъаҳои пандуандарзии хеш дар таърихи адабиёт шуҳрати бештаре дорад. Ин мавзӯъ ба маснавиҳои ӯ низ роҳ ёфтанд ва дар ин замина маснавиҳои кӯтоҳе чун “Чаҳор панди Анӯшервон”, “Анӯшервон ва мӯбадон”, “Дар панду андарз” ва ғайра таълиф кардааст. Аксари маснавиҳои пандуахоқии ӯ, ба ҷуз манзумаи “Дар панду андарз” дар вазни мутақориби мусаммани маҳзуф навишта шудаанд. Бинобар ин дар баъзе аз сарчашмаҳо[11] онҳоро ба ҳам омезиш дода, чун ҷузъи маснавии “Чаҳор панди Анӯшервон” паиҳам овардаанд.

“Анӯшервон ва мӯбадон” аз лиҳози ҳаҷм бузургтарин маснавиҳои пандуандарзии шоир буда, он аз 115 байт иборат аст. Назар ба маълумоти баъзе аз сарчашмаҳо ин маснавӣ бо номи «Пандномаи Анушервон» низ ёд мешавад ва дар поёни умри суханвар нигошта шудааст[10].

“Анӯшервон ва мӯбадон” дар вазни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ навишта шудааст. Аз ин ҷо бо итминони комил метавон гуфт, ки маснавӣ як ихлоснома ба шоҳасари Фирдавсист. Зеро Ибни Ямин ба шоири бузург ва «Шоҳнома»-и ӯ эҳтирому садоқати хосе қойил буд. Ӯ дар девони ашъораш ду маротиба дар қитъаҳояш аз Фирдавсӣ[6,с.387,469] ёд кардааст. Дар яке аз қитъаҳои худ мегӯяд:

***Сиккае, к-андар сухан Фирдавсии Тусӣ нишонд,***
***То напиндорӣ, ки кас аз зумраи фурсӣ нишонд.***
***Аввал аз болои курсӣ бар замин омад сухан,***
***Ӯ дигар бораш ба боло бурду бар курсӣ нишонд****[6, с.387].*

Ибни Ямин аз тариқи маснавии “Анӯшервон ва мӯбадон” низ ба Фирдавсиву ҳамосаи ӯ ибрози эҳтирому эътиқод намудаст.

Муҳтавои “Анӯшервон ва мӯбадон” иборат аз пандномаест, ки Анӯшервон барои дарҷ намудан дар қабраш навишта буд. Маснавӣ бо ҳамду наът оғоз мешавад ва сипас пандномаи Анӯшервон ироа мешавад. Қобили зикр аст, ки ин пандномаро Унсуралмаолии Кайковус дар “Қобуснома” овардааст. Бино ба ривояти муаллифи “Қобуснома”, ки дар боби ҳафтуми ин китоб омадааст, яке аз халифаҳои араб Абдулло ибни Маъмун ба оромгоҳи шоҳаншоҳи Сосонӣ Хусрави Анӯшервон меравад ва дар девори он катибаҳое бо оби тилло ба хатти паҳлавӣ ҳаккокишударо мебинад. Дабирони паҳлавихон он навиштаро, ки пандҳои Анӯшервон буд, ба арабӣ барои Маъмун тарҷума мекунанд. Ба ин гуна ин панднома машҳур мешавад. Унсуралмаолии Кайковус дар боби ҳаштуми “Қобуснома” ин пандномаро овардааст[4,с.47-51]. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳам пандҳои Анӯшервон, ки бо номи Кисро, бидуни таъкиди воқеаи дар “Қобуснома” ишорашуда, ироа мешаванд. Дар достони “Подшоҳии Кисро-Нӯшинравон”-т Шоҳномаи Фирдавсӣ Нӯшервон мубадонро даъват намуда, хоҳиш менамояд,

ки барои кори неки оянда, барои рӯзгори хуши раият панду андарз бигӯянд. Панду андарзи ҳафт мӯбад дар «Шоҳнома» оварда шудааст. Агар насиҳатҳои "Анӯшервон ва мӯбадон"- ро бо гуфтори мубадон дар "Шоҳнома" муқоиса намоем, шабоҳатҳои фаровонерор байни онҳо дар муҳтаво ва сабки баён эҳсос мекунем.

Ибни Ямин низ дар маснавии хеш ишорае ба Маъмун ё ривояти "Қобуснома" намекунад. Истифодаи мукаррари ибораи "Дигар он ки..." (37 бор) дар маснавии Ибни Ямин ҳокӣ аз он аст, ки шоир ҳангоми иншои асари хеш бар пандҳои Нушервон дар "Қобуснома " назар доштааст:

***Дигар он ки, ҳар к-ӯ бувад кинадор***
***Набошад бар ӯ меҳрубон ҳеҷ ёр.***
***Дигар он ки, ранҷи фаровон кашӣ***
***Чу киштӣ ба роҳи биёбон кашӣ.***
***Дигар он ки, девона хонанду бас***
***Касеро, ки нобуда ҷӯяд зи пас.***
***Дигар он ки, пайкор бо кас маҷӯй***
***Сухан ҷуз ба андозаи худ магӯй.***
***Дигар он ки, саргашта монӣ ҳаме***
***Чу нокардаро карда донӣ ҳаме.***
***Дигар он ки, озарми мардум биҷӯй***
***К-аз озарм монад баҷой обрӯй.***
***Дигар он ки, бо зердастони худ***
***Ба кор оварад макру дастони худ****[6, с.597].*

Ибни Ямин ҳамин тариқ чилу ду андарзи Нӯшервонро дар ин манзума нақл намудааст. Ҳамчунин Ибни Ямин дар маснавии кӯтоҳи дигар - «Чаҳор панди Анӯшервон», ки ҳамагӣ аз шаш байт иборат аст, андарзҳои Нӯшервонро ҷой додааст, он ҳам дар вазни "Шоҳнома" ва ҳам **дар** пайравӣ бо **сабки баёни** Фирдавсӣ ба силки назм омадааст:

***Шунидам, ки Кисро яке фарш дошт***
***Бар он фарш ҳар гуна панде нигошт.***
***Нахуст он, ки дунё наҷӯяд касе,***
***Ки донад бад-ӯ дарнамонад басе.***
***Дувум он, ки суде надорад ҳазар***
***Зи коре, ки рафтаст андар қадар.***
***Сеюм он, ки донои холиқшинос***
***Зи махлуқ бар сар нагирад сипос.***
***Чаҳорум чу рӯзӣ муқаддар шудаст,***
***Чаро марди озода чокар шудаст.***
***Агар бигзарӣ з-ин сухан роҳ нест,***
***Равони ту аз дониш огоҳ нест****[6,с.589].*

Илова бар ин дар чанд маснавии кӯтоҳи беунвон, ки ҳамвазни ин ду маснавиянд, андешаҳои тарбиятӣ ва ахлоқии хешро дар мавзӯоте чун бахшоиш[6, с.598-599], одоби хидмати ба султон [6, с.599], таваккул[6, с.599], бартарии душмани доно аз дӯсти нодон[6,с.599], сабр[6,с.600], давраҳои мухталифи зиндагии инсон[с.590-591] ва ғайра идома додааст. Бархе аз ин маснавиҳо дар айни эҷоз ва соддагӣ моҳият ва арзиши волои ахлоқӣ дошта, дар тарбияи ахлоқӣ, рушди маънавиёти ҷомеа, тарбияи наврасону ҷавонон, роҳнамоии онҳо ба некиву накӯкорӣ, ахлоқи ҳамида чун ҳикмати амалӣ хидмат менамоянд. Баъзе аз онҳо дар шакли ҳикояти ахлоқии манзум[6,с.589] бар сабки "Бӯстон"-и Саъдӣ ироа шудаанд. Ин гуна маснавиҳо маъмулан бо ибораи "Шунидам" [6, с.589] ва ё "Чӣ хуш гуфт" [6, с.598, 599] сар мешаванд ва дар ҳаҷми кӯтоҳ маъниҳои баланди ахлоқиро дар бар мегиранд.

Маснавиҳои Ибни Ямин дар вазнҳои маъмули маснавиҳои форсу тоҷик суруда шудаанд. Ӯро метавон дар истифода аз авзони мухталифи маснавӣ устод донист, зеро бо вуҷуди теъдоди ками ин қолаби шеърӣ дар осораш, дар чор аз ҳафт авзони бакоррафта дар маснависароӣ қаламозмоӣ намудааст, ки онро метавон дар ҷадвали зер мушоҳида намуд:

| №б/т | Вазн | Унвони маснавӣ | Микд. абёт |
|---|---|---|---|
| 1. | **Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф**<br>Мафоилун,/мафоилун/ фаӯлун<br>V- - - / V- - - / V- - - | "Корнома" | 293 |
| | | "Дар панду андарз" | 28 |
| | | "Дар васфи талаб ва | 60 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | фанои толиб дар матлуб” | |
| | | Хирадмандон, ки роҳи ақл рафтанд... | 16 |
| 2. | **Мутақориби мусаммани маҳзуф** Фаӯлун/фаӯлун/фаӯлун/фаал V- - / V- - / V- - / V- | «Анушервон ва мӯбадон» | 115 |
| | | Чаҳор панди Анушервон | 6 |
| | | Шунидам, ки рӯзе Манучеҳршоҳ... | 4 |
| | | Шунидам, ки рӯзе зи корогаҳон... | 21 |
| | | Чӣ хуш гуфт фарзонае ҳушманд... | 8 |
| | | Чӣ хуш гуфт фарзонае дурбин... | 3 |
| 3. | **Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф** Фоилотун/мафоилун/фаилун -V- -/ V- V - / V V- | “Маҷлисафрӯз” | 241 |
| 4. | **Сареи мусаддаси матвии макшуф** Муфтаилун/муфтаилун/фоилун -V V- /- V V-/- V- | “Фӣ ат-тавҳид ва-л-маърифа» | 32 |
| | | Боҳушу бедордилу род бош... | 12 |

***Ҷадвали №1.Омори авзони маснавиҳои Ибни Ямин***

Чунон ки аз ҷадвали болоӣ маълум мешавад, маснавиҳои Ибни Ямин аз нигоҳи камияти абёт низ гуногун буда, кутоҳтарини онҳо ҳомили 3 ва дарозтаринашон фарогири 293 байтанд. Яке аз далолили касрати абёти маснавиҳои шоирро ба эҳтимол марбут ба он донист, ки Ибни Ямин асосан шоири қитъасарост. Вай барои баёни маънии зиёд дар ҳаҷми кам таҷриба ва табъи равон дошт ва бештар ба баёни мавзуоти ахлоқӣ ва иҷтимоӣ авлавият медод. Аз ин рӯ, ҳатто дар жанри маснавӣ, ки барои ифодаи матлабҳои тӯлонӣ хеле муносиб аст, суханро ба дарозо намекашад ва дар тамоми маснавиҳояш ба мавзӯи ахлоқӣ, таълимӣ ва иҷтимоӣ рӯ меорад.

Маснавиҳои Ибни Ямин монанди дигар анвои шеърии девонаш аз нигоҳи сабк равон ва холӣ аз такаллуфу фазлфурӯшӣ буда, ба сабки хуросонӣ бисёр наздик аст. Дар онҳо калимоти аз зеҳн дур, тасвирҳои печ дар печ, истилоҳоти илмӣ камтар ба мушоҳида мерасанд. Шоир дар маснавиҳояш кӯшиш кардааст, ки калимаҳои наве, мисли “душманкомӣ”, “акрамулихвон”, “каримахлоқ”, “гумкардафарзанд”, “фаррухниҳод”, “иффатобод”, “сутудасират”, “шарафмаҳмуд”, “таштандоб” биёфарад, ки баъзе аз онҳо дар фарҳангҳои форсӣ-тоҷикӣ ба чашм намерасанд. Масалан, дар ғазалмаснавии “Корнома” калимаи мураккаби “даводорӣ” истифода шудааст:

***Дило, охир зи гардун чанд пурсӣ***
***Ки бар дардам даводорӣ надорад****[6, с.587].*

Ин вожаи мураккаби типи омехта, ки бешакк ҳосили завқи худи шоир аст, зеро тибқи таҳқиқоте, ки дар асоси ашъори китобхонаи маҷозии “Ганҷур” анҷом додаем, дар осори беш аз ҳафтод нафар суханвари то Ибни Ямин ва 16 нафар муосиронаш дучор нашуд. Дар фарҳангҳои форсӣ-тоҷикӣ низ ба шарҳи ин калима барнахӯрдем. Аз ин ҷо метавон ба натиҷа расид, ки омӯзиши забони осори Ибни Ямин, ки яке аз масъалаҳои муҳими сабкшиносии осори шоир ба ҳисоб меравад, метавонад ба ғанои вожагони фарҳангҳои форсӣ-тоҷикӣ мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, маснавиҳои Ибни Ямин аз нигоҳи ҳаҷм, муҳтаво, сохтор ва истифодаи авзон гуногун буда, бо соддагиву эҷози хос дар густариши ҷараёни умумии маснависароии форсу тоҷик дар асри XIV таъсири қобили аҳамият гузоштаанд. Баррасии маснавиҳои Ибни Ямин нишон дод, ки суханвар дар аксар маврид бар асоси суннатҳои мутадовилаи маснависароии форсу тоҷик ашъори дугона эҷод менамояд.Оғозу анҷоми маснавиҳои кӯтоҳи шоир бо ҳамду наът ва дуо таъмин шудаанд, вале дар маснавиҳои хеле кӯтоҳи шоир ин суннат тамоман риоят

нашуда, панду андарз зевару ҷавҳари онҳо қарор гирифтааст. Бо ин ҳама суннатгароиҳо Ибни Ямин дар бархе аз маснавиҳояш навпардозиҳое низ зоҳир намудааст.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Доронӣ, Алиакбар Аҳмад. Навъи адабии корнома/ Алиакбар Аҳмади Доронӣ//Нақди адабӣ.-1390.- Соли сеюм.-№ 10.-С.7-30.
2. Ибни Ямин, Маҳмуд ибни Яминуддин. Девони қитъаот ва рубоиёт.Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Саид Нафисӣ.- Теҳрон, 1318/1939.- 284 с.
3. Имронов, С.Ибни Ямини Фарюмадӣ(Ҷараёни зиндагӣ ва мероси адабӣ)/С.Имронов.-Душанбе,Ирфон, 1966.-172 с.
4. Кайковус, Унсурулмаолӣ. Қобуснома. Таҳия, пешгуфтор ва тавзеҳоти Мирзо Муллоаҳмад ва Меҳрӣ Шарофова. - Душанбе, Маориф, 2016.- 240 с.
5. Сафо, Забеҳулло.Таърихи адабиёт дар Эрон / Забеҳулло Сафо-Теҳрон, 1368.-1462с.- Ҷ.3/2.
6. Фарюмадӣ, Ибни Ямин.Девони ашъор.Бо тасҳеҳ ва эҳтимоми Ҳусайналии Бостонирод/И.Я.Фарюмадӣ.-Теҳрон, Китобхонаи Саноӣ, 1344.-734 с.
7. Хекмат, А.Р.Рассказ о персидском поэте: жизнь и творчество Ибн Йамина/А.Р.Хекмат.-М., Наука,1965.-96 с.
8. https://fa.wikipedia.org/wiki /ابن_يمين/ - охирин бознигарӣ :12.11.22
9. https://www.cgie.org.ir/fa/article/226120/- охирин бознигарӣ :19.11.22
10. https://donish.org/tj/course/learn/32-adabiyoti-tojik-sinfi-9/lesson/255-merosi-adabii-ibni-yamin- охирин бознигарӣ :30.11.22
11. https://ganjoor.net/ebneyamin/divan/masnavi/- охирин бознигарӣ :15.12.22
12. https://www.nipna.ir/fa/newsagency/22189/- охирин бознигарӣ :15.12.22
13. https://www.mehremihan.ir/tag/ آثار-ابن-يمين/ - охирин бознигарӣ :15.12.22


**REFERENCES:**


1. Darani, Aliakbar Ahmad. Literary Genre of Karnameh/ Aliakbar Ahmadi Darani// Literary critique.-1390.- Third year .-№ 10.-C.7-30.
2. Ibn Yamin, Mahmud ibn Yaminuddin.Divan of Short Rhymes and Quatrains. Revision and introduction of Said Nafisi.- Tehran, 1318/1939. - 284 p.
3. Imronov, S. Ibni Yamini Faryumadi: Life and creativity/S.Imronov. - Dushanbe, Irfon,1966. -172p.
4. Kaykāvus ʿOnṣor-al-Maʿāli. Qabus-nameh. Prepared, foreword and explanations by Mirza Mulloahmad and Mehri Sharafova. - Dushanbe, Education, 2016.- 240 p.
5. Safo, Zobiholloh. A History of Iranian Literature/ Zobiholloh Safo.- Tehran, 1368.-1462p.- V.3/2.
6. Faryumadi, Ibn Yamin. Divan of poems. With the correction and efforts of Husainali Bostonirod/I. Ya. Faryumadi.-Tehran, Sana'i Library, 1344.-734 p.
7. Hekmat, A.R. The Story about the Persian Poet. Ibni Yamin's Life and Creation/A.R.Hekmat. -Moscow, Nauka, 1965. – 95p.
8. https://fa.wikipedia.org/wiki ابن_يمين/- date of the application:12.11.22
9. https://www.cgie.org.ir/fa/article/226120/- date of the application:19.11.22
10. https://donish.org/tj/course/learn/32-adabiyoti-tojik-sinfi-9/lesson/255-merosi-adabii-ibni-yamin/- date of the application:30.11.12
11. https://ganjoor.net/ebneyamin/divan/masnavi/- date of the application:15.12.22
12. https://www.nipna.ir/fa/newsagency/22189/- date of the application:15.12.22
13. https://www.mehremihan.ir/tag/آثار-ابن-يمين / - date of the application:15.12.22